«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____________ Давлатзода Қ.Қ.
«__14__»__05__ с.2024

# ХУЛОСАИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи: «Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда. Таҳқиқоти диссератсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: 1.1. Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.2. Коркарди методология, усулҳои баҳодиҳӣ, таҳлил, қолабсозӣ ва дурнамои равандҳои инноватсионӣ дар низоми иқтисодӣ; 1.3. Ташаккули муҳити инноватсионӣ ҳамчун шарти муҳимтарини амалӣ намудани инноватсияҳои самаранок. Муайян кардани муносибатҳо, шакл ва тарзҳои муҳайё намудани шароити муносиб барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ. Роҳҳои беҳгардонии иқлими инноватсионӣ; 1.4. Таҳқиқи равандҳои ҳамгироӣ дар муҳити инноватсионӣ. Консепсияҳои навсозӣ ва шаклҳои татбиқи амалии онҳо; 1.5. Хусусиятҳои таъсисдиҳӣ ва таҳқиқи низомҳои миллии инноватсионӣ: принсипҳои сохт ва рушдёбӣ, сохтор ва функсияҳо, баҳодиҳии самаранокӣ; 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 1.13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Арзёбии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Ҳамаи марҳилаҳои татбиқи нақшаи рисолаи диссертатсионӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои рисола бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Таҳқиқоти илмии унвонҷӯ дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми таълими фанҳои «Асосҳои инноватсия», «Менеҷмент», «Менеҷменти инноватсионӣ», «Идоракунии корхонаҳо», «Соҳибкории инноватсионӣ», «Иқтисоди рақамӣ» ва «Иқтисодиёти саноат», истифода гардидааст.

Муаллиф дар раванди таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асоснок оид ба идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва самаранокии идоракунии он, ҳалли мушкилоти мавҷуда, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва такмили механизми идоракунии он саҳмгузор мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар марҳилаи инкишофи илму техника ва рушди инноватсионӣ ва ислоҳоти вазъи низоми инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, ки хуб арзёбӣ мегарданд, ҳамзамон дар зери таҳдиди хатарҳо ва хавфҳои инноватсионии ногаҳонӣ низ қарор доранд. Аксари давлатҳои пешрафта барои рушди устувори инноватсионӣ ба ташаккули соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, сармоягузории техникаю технология ва тезонидани суръати рушди илму техника кӯшиш менамоянд.

Вобаста ба ин, қайд намудани зарур аст, ки талаботҳои аз ҷонби Ҳукумати мамлакат доир ба низоми инноватсионии миллӣ муайянгардида, аз қабили механизми идоракунии инноватсионии рушди устувор, ҳадди ниҳоии хавфҳои инноватсионӣ, унсурҳои асосии рушди идоракунии инноватсионӣ ва ғайра қатъӣ риоя гардад. Бинобар ин, таҳлили нишондиҳандаҳои асосии истеҳсоли саноати хӯрокворӣи дар диссертатсия таҳлилгардида, баҳри муайян намудани вазъи истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ зарур мебошад.

Имрӯз, дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон масъалаи идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, ки корхонаҳои саноатӣ ба он гирифтор мешаванд, яке аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати риоя накардани қоидаҳои пешгирии хавфҳои инноватсионӣ, идоракунии нодуруст, он метавонад ба низоми инноватсионии миллӣ ва низоми идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таъсири зиёд расонида, тамоми нишондиҳандаҳои истеҳсолиро манфӣ гардонад.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳад, ки мавзӯи мазкур мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳалли масъалаи мазкур аз ҷиҳати асосноккунии илмӣ ва тавсияҳои амалӣ қадами пешоҳангӣ ба ҳисоб меравад.

Вазъи ҷойдоштаи масъалаҳое, ки дар боло зикр шуданд, коркарди нокифояи назариявии таҳқиқи муаммои мазкурро дар соҳаи иқтисодиёти миллӣ инъикос менамояд. Вобаста ба муҳимияти мавзуи интихобшудаи диссертатсия, инчунин арзиши илмӣ ва аҳаммияти амалии он асоснок карда мешаванд.

**Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар конференсияҳои сатҳи байналмилалию ҷумҳуриявӣ дар мавзуъҳои « Роҳҳои ҳалли масъалаҳои ташаккулёбӣ ва самаранокии иқтисоди миллӣ дар низоми идоракунии навин » (Душанбе - 2020), « Инноватсия ҳамчун омили асосии афзоиши иҷтимоию иқтисодӣ ва рақобатпазирӣ» (Душанбе - 2021), «Таъсири маблағгузориҳои илм ва инноватсия ба рушди иқтисоди миллӣ» (Душанбе-2022), "Самаранокии идоракунии рушди инноватсионии давлат дар шароити иқтисоди муосир" (Душанбе-2022), «Аҳаммияти идоракунии технологияҳои инноватсионӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ» (Душанбе-2023), «Гузариши корхонаҳои саноатӣ ба модели нави инноватсионӣ» (Душанбе-2023), маърӯза гардида, сазовори баҳои баланд гардидаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 15 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷалла ва нашрияҳое, ки ба рӯйхати маҷаллаву нашрияҳо, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишондоди навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Дар рисолаи илмии унвонҷӯ Носирзода Ҳусейни Саъдулло натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои навоварии илмии тадқиқотро дар бар мегиранд, аз инҳо иборатанд:

- дар диссертатсия муаллиф таҳқиқи асосҳои назариявию методологии идоракунии рушди устувори инноватсиониро мушаххас намуда, дар ҷамъбасти натиҷаҳои назариявию методии адабиёти мавҷуда таърифи такмилшудаи инноватсия ва рушди устувору идоракунии инноватсияро пешниҳод намудааст;

- муаллиф исбот намудааст, ки мушаххасгардонии меъёрҳои идоракунии рушди устувори инноватсионӣ вобаста ба мутобиқшавии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба вазъи тағйирёбандаи иқтисодиёти муосири ҷаҳон мебошад. Бинобар ин, сарчашмаҳои ташаккули равандҳои фаъолияти инноватися, рушди устувор, идоракунии инноватсионӣ, механизмҳои идоракунии инноватсионӣ ва роҳҳои беҳтар гардонидани сифати онҳо, усулҳои муосир ва самаранокии идоракунӣ ва роҳҳои дурусти идоракунии инноватсияҳои корхонаҳо дар натиҷа муайян карда шудаанд;

- дар таҳқикот таҳлили рушди нишондиҳандаҳои саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир омӯхта шуда, тезонидани суръати рушди истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ,

идоракунии рушди он, баланд бардоштани сифати маҳсулот, маблағгузорӣ ба соҳаи илм ва инноватсия, таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя доир ба идоракунии рушди инноватсия дар корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ пешниҳод гардидааст.

- муаллиф усулҳои идоракунии муосир, фаъолгардонӣ ва роҳҳои такмили устувори низоми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ, нав кардани механизми такмили он, ташкили фондҳои асосии корхонаҳои саноати хӯрокворииро таҳия намуда, дар самти идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ вобаста ба таъсири ҳолати низоми инноватсионӣ, сатҳ ва сифати идоракунии инноватсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити имрӯза тавсияҳо пешниҳод намудааст.

- таҳқиқот нишон медиҳад, ки идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва роҳҳои пайдо намудани сарчашмаҳои ташаккули он дар сатҳи зарурӣ муайян гардида, вобаста ба самаранокии идоракунӣ, таъмини рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва самтҳои афзалиятноки платформаи рақамии он, паст кардани сатҳи таъсири хавфҳои инноватсионӣ ба онҳо тавсияҳо пешниҳод гардидаанд. Ҳамзамон аз ҷониби муаллиф моделе коркард гардидааст, бо назардошти таҷрибаҳои иқтисоди ҷаҳон равандҳои идоракунии рушди устувори инноватсиониро дар бар гирифта, истифодаи он самаранокии идоракунии инноватсияро дар соҳаи хӯрокворӣ таъмин хоҳад кард.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии** таҳқиқот дар муайян кардани ассосҳои назариявии инноватсионӣ, методологӣ, идоракунӣ, баҳодиҳии низоми инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва истифодаи он барои таъмини идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ таҷассум меёбад. Хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар фаъолияти амалӣ, поягузории илмии мансуб ба сатҳи сифати фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ истифода шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба рушди минбаъдаи фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ (хӯрокворӣ) мусоидат намуда, пешниҳодҳои муаллиф ва асоси назариявии кор дар истифодаи самараноки идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон дар самти фаъолияти низоми идоракунии инноватсионӣ истифода гардад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Чуноне ки аз шиносоӣ бо муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшудаи унвонҷӯ бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд.

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Носирзода Ҳусейни Саъдулло ба талаботи бандҳои банди 17-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”) тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Дар қисмати хотимавии тақриз овардани хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.**

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муҳаққиқ мазмун ва мундариҷаи асосии диссератсияро фарогир мебошанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегардад:

1. Дар зербоби 1.1. ақидаҳои таҳқиқотчиёни ватанию хориҷӣ ба мафҳуми "инноватсия" “идоракунии инноватсия” ва “рушди устувори инноватсионӣ” аз тарафи муаллиф баррасӣ карда шудааст, аммо дар аксар ҳолат онҳоро тарафдорӣ намудааст ва ақидаҳои мунаққидона кам ба назар мерасад;

2. Дар расми 1.1. Таъсири инноватсия дар соҳаи саноати хӯрокворӣ саҳ. 27 муаллиф таъсири инноватсияро дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ нишон додааст, хуб мешуд онро пурратар такмил медод;

3. Дар ҷадвали 2.11. саҳ. 64. унвонҷӯ содирот ва воридоти маҳсулоти хӯрокворииро дар диссертатсия инъикос намудааст, ки воридот нисбат ба содирот хеле зиёд мебошад, вале дар поёни ҷадвал роҳҳои зиёд намудани содироти молҳои хӯрокворииро нишон надодааст.

4. Дар боби 2-юми диссертатсия унвонҷӯ ба молҳои маҳсулоти хӯрокворӣи мавсимӣ умуман диққат надодааст, хуб мешуд ба молҳои мавсимии хӯрокворӣ унвонҷӯ назари хешро иброз ва онҳоро таҳлил менамуд.

5. дар саҳифаи 90-уми кори диисертатсияонӣ унвонҷӯ омилҳои баланд бардоштани нақши соҳаи хӯрокворииро хуб нишон додааст, вале бартараф намудани омилҳои манфии берунаро нишон надодааст, хуб мешуд дар кори илмӣ ба бартарафсозии омилҳои манфии буруна назар менамуд.

6. Дар расми 2.6. саҳ.102. унвонҷӯ механизми идоракунии рушди инноватсиониро инъикос намудааст, аммо шарҳи онро муфассал дар кори илмӣ нишон надодааст.

7. Расми 3.9.-и диссертатсия, ки ташкили истифодаи платформаҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ном гирифтааст, номукаммал буда, онро унвонҷӯ пурра ва ба таври возеъ ё равшан нишон надодааст.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии кори диссератсиониро тағйир намедиҳанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсияи тақризшаванда.**

Дар маҷмуъ, кори диссератсионӣ дар мавзуи «Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфта буда, хислату мазмуни илмию амалӣ дошта, муаллифи он Носирзода Ҳусейни Саъдулло сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар истеҳсолоти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (с/ҷ №10, аз 14.05.2024) Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор – 8, зид, бетараф нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ
дар истеҳсолоти Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ
н.и.и., дотсент **Исмоилов М.И.**

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ **Камилова Н.М.**
**Ташхисгар:**
н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт
ва идоракунӣ дар истеҳсолоти **Мукимова Н.Р.**
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи М.С. Осимӣ
Имзои Исмоилов М.И., Мукимова Н.Р
ва Камилова Н.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи М.С. Осимӣ **Қодирзода Н.Ҳ.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо. Тел.: (992 372) 221-35-11, сомона: www.ttu.tj; E-mail: ttu@ttu.tj